# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мирмаматова Манижа Рустамовна дар мавзӯи “Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ-тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Дар шароити кунунии низоми маориф вазифаҳои аввалиндараҷа ҷустуҷӯ ва татбиқи раванди таълим чунин бояд ташкил карда шавад, ки на танҳо ба ташаккули босамари сатҳи назарии таълим, маҳорату малакаи амалӣ, балки инчунин ба инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ ва кӯшиш барои худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ мусоидат намояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қариб дар ҳар як баромади худ ба масъалаи мазкур диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, фаъолияти Ҳукумати ҷумҳуриро барои мусоидати ҳамаҷониба дар рушди соҳаи маорифи кишвар равона сохта, дастуру ҳидоятҳои зарурӣ ироа менамоянд. Аз ҷумла, бо мақсади рушди босуботи тамоми соҳаҳои ҳаёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми маориф ва ислоҳоти ботадриҷ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ташаккули низоми таҳсилоти муосир ва ҷавобгӯйи талаботи замон, таҳкими заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, Президенти кишвар соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятнок эълон кардаанд.

Маҳз омӯзгорро зарур аст, ки бо назардошти талаботи замони муосир ба мутахассисони соҳибкасб ба наврасон на танҳо нисбат ба соҳиб шудан ба малакаву маҳорати касбӣ, ҳамзамон, дуруст интихоб карда тавонистани касб кӯмак расонад. Зеро, онҳо метавонанд қобилияти худро хубтар ва самаранок истифода бурда, ба ҷамъият манфиати бештар оранд.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Мирмаматова Манижа Рустамовна дар мавзӯи “Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ-тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ“ дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия аз тарафи муаллиф оид ба мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дарачаи омӯхта шудани мавзӯъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсад, объект, предмет, фарзия ва усулҳои таҳқиқот, марҳилаҳои он, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, мӯътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот баррасӣ шудааст.

Дар боби якум **“Асосҳои илмӣ-назариявии ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълим”** бо такя ба дидгоҳҳои олимони соҳа таълими инфиродӣ-тафриқавӣ ҳамчун муаммои педагогӣ баррасӣ шуда, моҳияти педагогии он ошкор гардидааст ва тавсифи умумии ин навъи таълим анҷом ёфта, шароити педагогӣ ва меъёрҳои ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълим муайян шудаанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ҳалли ин масъалаҳои муҳими назариявӣ муаллиф маҷмӯи муносибатҳо ва диди назариявӣ-методологӣ, ба монанди системанокӣ-шахсиятӣ, фаъолнокӣ ва салоҳиятнокиро истифода бурда, дар муайян кардани манбаъҳои назариявии таҳқиқот муяссар гардидааст. Дар асоси ин муносибатҳо, ва илова бар он бо муносибати нави таҳқиқотӣ-модулӣ аз ҷониби муаллиф меъёрҳои ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими мактаббачагон муайян карда шудааст. Чунин муносибат ва мавқеи муаллифи рисола аз чуқур ва ҳамаҷониба ба умқи муаммо ворид шудани муаллифи рисола

дарак медиҳад. Бо назардошти нақши назаррас ва моҳияти муҳими муаммои таҳқиқшаванда муаллиф дар рисола дуруст қайд мекунад, ки таҳлил, таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими мактаббачагон яке аз вазифаҳои умдаи илмӣ-таҳқиқотии педагогӣ маҳсуб мебошад.

Дар боби дуюми диссертатсия **“Муносибати инфиродӣ- тафриқавӣ шакли такмили низоми таълим дар мактаби муосир”** муаммоҳои дар раванди таълим фардикунонии таълим ва шакли тафриқавии кор бо хонандагон, хусусиятҳои ташкили фаъолияти таълимии хонандагон дар дарси забони англисӣ, истифодаи марҳилаи ташкили фаъолияти таълимӣ бо назардошти сатҳи дониш ва маҳорат, самаранокии муносибатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ, зарур будани ташкили фаъолияти таълимӣ бо муносибатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ дар ҳама марҳилаҳои азхудкунии дониш ва малакаҳо ба назар мерасанд.

Дар боби сеюми диссертатсия “**Самаранокии технологияи ташкили муносибати инфиродӣ- тафриқавӣ дар таълим**” мундариҷа ва ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баррасӣ гардида, технологияи ҳамгирои таълими инфиродӣ-тафриқавӣ тавсиф шудааст ва натиҷаҳои самаранокии технологияи ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълими хонандагон пешниҳод гардидаанд.

Қобили қайд аст, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия Мирмаматова Манижа Рустамовна ба ҷамъбаст ва хулоса намудани натиҷаҳои ба дастовардашуда марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва озмоишӣ гузаронида шудааст.

Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба

вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Дар маҷмуъ ба диссертант Мирмаматова Манижа Рустамовна муяссар гардидааст, ки ба объекти пажӯҳиш такъя намуда, вазифаҳои таҳқиқотро ба пуррагӣ роҳандозӣ кунад. Таҳқиқоти ба охиррасида дорои аҳамияти назариявӣ ва ҳам амалӣ буда, натиҷаҳои онро дар фаъолиятҳои илмиву таълимӣ бе ягон мамоният дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода намудан имконпазир аст.

Мехостам, чанд сухан оиди сифатҳои муҳаққиқӣ, касбӣ ва шахсии шогирд сухан гӯям. Мирмаматова Манижа Рустамовна дар ҳайси омӯзгор фаъолият бурда, дар давоми фаъолияти педагогиаш соҳиби таҷрибаи хуби омӯзгорӣ гардидааст. Дар давраи фаъолияташ дар ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров" Мирмаматова Манижа Рустамовна ба таҳқиқоти илмиаш муносибати хеле масъулона ва ҷиддӣ зоҳир намуда, сифатҳои назарраси суботкорӣ, эҷодкорӣ, сермасъулиятӣ, мустақилиятнокӣ, қобилият ва истеъдоди хуби таҳқиқотиро нишон дод. Дар ин давра аз тарафи ӯ бо баробари бурдани таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ, ба навиштан, таҳия ва чоп кардани мақолаҳои илмӣ, омода намудани маърӯзаю баромадҳо дар конференсияҳои илмӣ ва семинарҳои кафедра эътибори ҷиддӣ дода мешуд. Натиҷаи ин муносибат буд, ки аз тарафи ӯ дар асоси маводҳои таҳқиқотиаш 13 мақола дар нашрияҳои педагогӣ чоп гардиданд, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВМ ва илми Федератсияи Русия эътирофгашта нашр гардидаанд. Дар асоси гуфтаҳои болоӣ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки Мирмаматова Манижа Рустамовна ҳамчун муҳаққиқи фаъол, эҷодкор, мустақил, кордон ва соҳибкасб ташаккул ёфтааст ва чун омӯзгор дорои сифатҳои хуби касбӣ-педагогӣ, чун шахсият соҳиби ахлоқи баланди ҳамида буда, дар байни аҳли ҷомеаи устодон ва донишҷӯён соҳиби обрӯю эътибор гаштааст.

Дар хулоса қайд кардан лозим аст, ки диссертатсияи Мирмаматова Манижа Рустамовна дар мавзӯи ”Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ-тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ” кори мустақилонаи тахассусӣ ва дорои аҳамияти назаррасии илмӣ буда, ба талаботи Низомномаи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 -– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ
ва касбии Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров” Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович

24.10.2024 с.

*Имзои Ш.А.Шароповро тасдиқ менамоям.*
*Сардори РК ва КМ МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Сайдуллозода З.С.*

***Маълумот барои тамос:***
***Суроға:*** *735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1.*
*тел.(+992)927717870. Элек. почта: Sharofzod1954@mail..ru*